## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба рисолаи диссертатасионии Зиёев Сулаймон Саъдулоевич дар мавзӯи: “Қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешниҳод шудааст.**

Зиёев Сулаймон Саъдулоевич дар давоми солҳои таҳсилаш фаъолона ба фаъолияти илмии таҳқиқотӣ ва раванди таълими донишгоҳ ҳамроҳ шуда, диссертатсияи илмии худро дар мавзӯи “Қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир” интихоб кард. Вай имтиҳоноти номзадиро бомуваффақият супорида, дар кори конфронсҳои илмию амалӣ иштирок карда, кори илмиашро оид ба фаслҳои рисолаи номзадӣ дар маҷаллаҳои илмии Тоҷикистон ва берун аз он нашр кардааст.

Дар давоми таҳсил Зиёев С.С. худро ҳамчун муҳаққиқи фаъолу дорои малаки таҳқиқотчии мустақили мавзӯи илмӣ нишон дода, мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро шарҳ додааст. Дар ҷараёни навиштани кори диссертатсионӣ вай доираи васеи адабиёти ватанию хориҷиро дар мавзӯи таҳқиқот омӯхта, инчунин таҷрибаи кор дар ин самтро андухтааст.

Инчунин бояд қайд кард, ки унвонҷӯ ба эродҳо, тавсия ва хоҳишҳои муқарризон бо таваҷҷуҳи хос муносибат намуда, кушиш кард то мавзӯи таҳқиқотро ҳаматарафа мавриди омӯзишу санҷиш қарор диҳад. Теъдоди корҳои илмии нашршудаи муаллиф, ки дар давоми таҳсилаш дар аспирантура ва фаъолияти кориаш дар донишгоҳ таҳия шудаанд, аз фаъолияти баланди илмии вай дарак медиҳад.

Мавзуи диссертатсионии Зиёев Сулаймон Саъдулоевич «Қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир» тадқиқоти шахсии унвонҷӯ ба шумор меравад.

Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо, ки нақши худро дар илми иқтисод мегузоранд, ба муаллифи диссертатсия дахл дорад. Ҳамаи корҳои иҷро гардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои тадқиқот инъикос гардидааст.

Дар рисолаи илмии Зиёев С.С. асосҳои назариявии ташаккули рушди ҳамгирой ва қонуниятҳои инкишофи он, асосноккунии тавсияҳо оид ба рушди ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати иттиҳодияҳои ҳамгирой ва дурнамои воридшавии кишвар ба сохторҳои ҳамгироии иқтисодӣ таҳлил шудааст. Диссертант бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқот ташаккули ҳамгироии иқтисодӣ ва қонуниятҳои инкишофи онро омӯхта, тавсияҳо оид ба рушди ҳамкории иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати иттиҳодияҳои иқтисодии ҳамгироиро таҳия намудааст.

Дар робита ба ин муайян намудани қонуниятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ ва таҳаввулоти сохторҳои ҳамгирой, арзёбии самаранокии ҳамкориҳо дар доираи иттиҳодия ва сохторҳои ҳамгирой, тадқиқоти методологӣ ва консептуалии ин равандҳо, ҳамчунин ҷустуҷӯи воситаҳо ва роҳҳои такмили механизми идоракунии равандҳои ҳамгирой ба мавқеи рақобатпазири Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои иқтисоди ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд. Дар ин замина омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои таҳким ва тавсеи ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи иттиҳодияҳои ҳамгирой, инчунин муайян намудани қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир муҳим арзёбӣ мегардад, ки ҳануз ҳам тадқиқоти мукаммали илмиро тақозо менамояд ва он мубрамияти мавзуро муайян менамояд.

Чунин мешуморам, ки Зиёев С.С. аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда баромада, рисолаи таҳқиқотии худро дар мавзӯи аҳамиятноку замонавӣ таҳия кардааст. Ба ӯ муяссар шудааст, ки дар

рисолаи худ проблемаҳои асосии ташаккули рушди ҳамгироии иқтисодӣ ва қонуниятҳои инкишофи онро ошкор намуда, тавсияҳоро оид ба такмили минбаъдаи ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои гуногуни иқтисодӣ муайян намояд. Натиҷаҳои кори диссертатсионии унвонҷӯ нишонаи аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо буда, дар муассисаҳои олиии таълимӣ ҳангоми омӯзиши мавзӯҳои алоҳида истифода шудаанд. Пешниҳодоти алоҳидаи муаллиф ҳангоми фаъолияти сохторҳои идоракунии давлатӣ, аз ҷумла, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили истифодаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Зиёев С.С. таҳқиқоти илмиро мустақилона ба итмом расонида, оид ба масъалаҳои асосии мавзӯи баррасишаванда андешаҳои ҷолиб пешниҳод намудааст.

Ҳамин тавр, рисола ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, онро барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) тавсия додан мумкин аст.

**Роҳбари илмӣ,**
**д.и.и., профессор** **Д.Б.Қодирзода**

**Тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Э.Тавқиев**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

**06.12.2024**